**Нусхаи № 1**

қарори маҷлиси васеи Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

**18.01.2022** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:**

Раис: д.и.ф. Сатторов А, аъзо: Муллоаҳмадов М., д.и.ф. Исрофилниё Ш., д.и.ф. У. Юсуфов., н.и.ф.Муҳаммадиев Ш., н.и.ф. А. Маликова., х.к.и. Акбарзод М., х.и. Усмонова Г.

**Рӯзнома:**

1.Баррасии диссертатсияи номзадии Жумакулов Жамшид дар мавзуи «Мунҷик ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик.

**Шунида шуд:**

Д.и. ф., проф. А. Сатторов: Диссертатсияе, ки баррасӣ мешавад, дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Жумакулов Жамшид устоди Донишгоҳи давлатии шаҳри Тирмиз буда, мавзӯи илмияш «Мунҷик ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI» дар шурои илмии Институти забон ва адабиёт тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ н.и.ф. А. Маликова, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ мебошад.

Диссертатсия ва фишурдаи онро инҳо мутолиа кардаанд: д.и.ф. Сатторов А., д.и.ф, У. Юсуф., н.и.ф. Муҳаммадиев Ш., х.к.и. Акбарзод М., х.и. Усмонова Г.

1.Диссертант оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ, мақсаду вазифа ва мубрамии мавзӯи диссертатсия маълумот дод.

**Савол доданд:**

**Д.и.ф. Ш. Исрофилниё.** Чаро маҳз ин мавзӯъро интихоб кардед?

**Ҷавоб:** Барои он, ки то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик накши муҳити адабии Чағониён чун яке аз ҳавзаҳои адабии барҷастаи замони Сомониён ба таври ҷомеъ ва дар алоҳидагӣ омӯхта нашуда буд.

**Дар баррасӣ иштирок карданд:**

**Д.и.ф. У. Юсуфов.:** Аз рисолаи диссертант аён аст, ки ӯ дар асоси тадқиқоти анҷомшуда ва ашъори бозмондаи шоирони асри X ва ибдои асри XI нақши ҳавзаи адабии Чағониёнро бо далелҳо таъйин намудаву рисолаи ҷомеъе ба вуҷуд овардааст. Пешниҳод менамоям, ки ин рисола пас аз таҳриру тасҳеҳ ба дифоъ тавлия карда шавад.

**Н.и.ф. Муҳаммадиев Ш.:** Мавзуи барои тадқиқ интихобшуда мавзӯи наву ҷолиб ва муҳим буда, муаллифи рисола дар асоси сарчашмаҳои дастрас тадқиқоти хуб анҷом додааст. Пешниҳод менамоям, ки кор ба ҳимоя тавсия шавад.

**Х.к.и. Акбарзод М.:** Ба фикру мулоҳизаҳои устодон розиям. Дарвоқеъ мавзӯи наву ҷолиб аст. Дар баробари дастовардҳо дар рисола камбудиҳо низ роҳ ёфтаанд.Гоҳо шеърҳо бо ғалат оварда шудаанд. Баъзе байту мисраъҳо аз назари вазну мантиқ иштибоҳ доранд. Баъзе ҷумлаҳои бемантиқу ночаспон дар рисола роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Ман тарафдори онам, ки диссертатсия пас аз таҳриру тасҳеҳ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

**Д.и.ф. Сатторов А.:** Чунон ки суханронон таъкид карданд, мавзуи рисола наву ҷолиб аст. Диссертант бо таҳқиқи илмии ин мавзӯъ ҷойгоҳи яке аз ҳавзаҳои адабии форсии тоҷикии қаламрави Сомониёнро бо далелҳо ва дар асоси сарчашмаҳои адабиву таърихӣ муайян намудааст.

Пешниҳод мекунам, ки рисола кори тамомшуда дониста шавад ва пас аз таҳриру тасҳеҳ ба дифоъ пешниҳод гардад.

**Қарор кард:**

1.Суханронии аъзои шуъба, докторони илм: Сатторов А., Исрофилов Ш. ва Юсуфов У.,-н.и.ф. Муҳаммадиев Ш., х.к.и. Акбарзод М., х.и.Усмонова Г. ва дигарон роҷеъ ба диссертатсияи номзадии Жумакулов Жамшид дар мавзӯи «Мунҷик ва муҳити адабии Чағониёни асри X ва ибтидои асри XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01.-Адабиёти тоҷик ба инобат гирифта шавад.

2.Диссертатсияи Жамшид Жумакулов дар мавзӯи «Мунҷик ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI» ба талаботи КОА ҷавобгӯ буда, кори пурра анҷомёфтааст ва бо назардошти ворид намуданиислоҳот ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик пешниҳод карда шавад.

**Раиси ҷаласа:** **Сатторов А.**

**Котиб:** **Сарабекова Ф.**

Имзои Абдунабӣ Сатторов ва Сарабекова Фотимаро тасдиқ мекунам:

**Мудири шуъбаи кадрҳои**

**Институти забон ва**

**адабиёти ба номи А. Рӯдакии**

**АМИТ** **Нарзиқулова Ҳ.**